# 14608 - Фазилати касе, ки "Ло илоҳа иллаллоҳ" мегӯяд

## савол

Подоши касе ки дар рӯз сад маротиба "Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир" (Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳи ягона нест, Ӯ шарике надорад. Мулку ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба ҳамаи чиз тавоност) мегӯяд, чист?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Паёмбар (друду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

Касе ки дар рӯз сад маротиба бигӯяд:

لا إلهَ إلاَّ الله وحْدهُ لاَ شَرِيك لهُ، لَهُ المُلْكُ، ولَهُ الحمْدُ، وَهُو علَى كُلِّ شَيءٍ قَدِيرٌ

**"Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ъало кулли шайъин қадир".**

***(Ҳеҷ маъбуде бар ҳақ ҷуз Аллоҳи ягона нест, Ӯ шарике надорад. Мулку ситоиш аз они Ӯст ва Ӯ ба ҳамаи чиз тавоност).***

Ба ӯ ба андозаи озод сохтани даҳ ғулом савоб дода мешавад ва инчунин сад ҳасанот барояш навишта мешавад ва сад гуноҳ аз гуноҳонаш пок мегардад ва он рӯз то бегоҳ аз шайтон ҳифз карда мешавад. Ва ҳеҷ касе (дар рӯзи қиёмат) амале беҳтар аз он намеоварад, магар касе, ки амали бештаре анҷом дода бошад.

Касе дар рӯз сад маротиба бигӯяд:

سُبْحَانَ اللهِ وَبِحَمْدِهِ

**"Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи".**

***(Аллоҳ пок аст ва Ӯро ситоиш мекунам ва Аллоҳи бузург пок аст).***

Гуноҳонаш бахшида мешаванд, агарчи ба андозаи кафки дарё бошанд.   Ривояти Бухорӣ ва Муслим.